# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Унвонҷӯ Ализода Н.У. таърихи ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст аст, ки масъалаи баррасишавандаи педагогӣ ба таври фавқулодда мубрам мебошад, ки онро ҳам педагогҳо – муҳаққиқони ватанӣ, хориҷӣ, ҳам давраи шӯравӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Вале таҳқиқоти муаллиф доир ба масъалаи мазкур на танҳо фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро, балки мушаххасан фаъолияти мустақилонаи хонандагонро лар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дахл мекунад, ки бо ин аз таҳқиқоти пешина тафовут дорад. Дар зери фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон унвонҷӯ таъсири асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори таҷрибавӣ - озмоишии он, коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ–методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон иборат аст мусоидат менамояд, фаҳмидааст.

Рушди фаъолиятнокӣ ва худфаъолияткунии таълимгирандагон, қобилияти онҳо барои ба даст овардани навгонӣ ва муваффақиятнок ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд ёфтани иқтисоди бозорӣ ва гузариши мамлакат ва ҷамъияти иттилоотӣ хеле мубрам гардидааст.. Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф ва омӯзгорон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи сифати таълими ватанӣ пайдарпай рушд додани фаъолияти эҷодии хонандагон ва дар замири онҳо ташаккул додани таваҷҷуҳи салоҳиятнок ба мустақилона азхуд намудани донишҳо ва инчунин истифодаи онҳо дар амалия мебошад.

Имрӯз метавон гуфт, ки чандест перомуни қолаб ва чаҳорчӯбаҳои нави таълимӣ баҳс оғоз шудааст ва дар чандин муассисаҳо ва воҳидҳои

таълимӣ аз равиш ва усулҳои нав ба ном инноватсионӣ кор гирифтаанд ва метавон гуфт, ки натиҷаҳо низ бад нестанд ва ҳатто дар баъзе воҳидҳо натиҷаҳо хеле хуб ва назаррас мебошанд.

Аз ин рӯ, дар ҷомеаи ҳозира яке аз вазифаҳои асосии таълим ин ташаккул ва рушд додани қобилияти мустақилона ва эҷодии таълимгирандагон буда, ҳалли вазифаҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ мушкилоти муҳим ба ҳисоб меравад. Яке аз муносибатҳои дурусти ҳалли масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия ҳамчун ҳолати зарурии қисмати мустақилонаи педагогика сохтори дохил кардан ва табдил додани ин раванд аз беихтиёрӣ ба раванди педагогии мақсаднок Яке аз муносибатҳои дурусти ҳалли масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия ҳамчун ҳолати зарурии қисмати мустақилонаи педагогика сохтори дохил кардан ва табдил додани ин раванд аз беихтиёрӣ ба раванди педагогии мақсаднок мебошад

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

1. Пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд.

2. Сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд.

3. Низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст.

4. Асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад.

5. Омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти Ализода Нусратулло Убайдулло. далелнок буда, бо миқдори калони маводи назариявӣ ва амалӣ тақвият

дода шудаанд. Натиҷаҳои аз ҷониби унвонҷӯ бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи ихтисоснокии баланди муаллиф хулоса баровард.

Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА–и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ гардида 6 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзӯи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи мошинҳои ҳисоббарор,
системаҳо ва шабакаҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Восидов Ш.Ю.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 917-23-29-18;
E-mail: shamsiddinnnn@mail.ru

Имзои Восидов Ш.Ю.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
09.01.26

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 221-77-11;
E-mail: info@tnu.tj